**Тағйирёбии иқлим ва талошҳои Тоҷикистон дар ин самт**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани чораҳои мутобиқсозӣ, ки ба ҳалли мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим нигаронидашуда заминаи меъёрӣ ва институтсионалӣ мавҷуд аст.

Иқлими сайёраи мо тағйир меёбад. Тамоюлҳои тағйирёбии иқлим хатарнок буда, шумора ва қувваи ҳодисаҳои табиии обуҳавошиносӣ афзуда, бисёр бахшҳои иқтисодиёт, экосистемаҳои табиӣ ва саломатии аҳолӣ ба ҳодисаҳои номусоиди обу ҳаво ва тамоюлҳои дарозмуддати устувори тағйирёбии иқлим бештар осебпазир мешаванд. Як мисоли равшани тағйирёбии иқлим хушксолии соли 2022 мебошад, ки ба аксари кишварҳои Аврупо, Осиёи Марказӣ ва Амрикои Лотинӣ таъсир кардааст.

Яке аз сабабҳои тағйирёбии иқлим имрӯз ин миқдори зиёди газҳои гулхонагии ба атмосфера воридшаванда мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти бенизоми инсоният ба вуҷуд меояд. Созмони Милали Муттаҳид соли 1922 Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КҚ СММ ТИ)-ро омода намуда, аз тамоми кишварҳои дунё даъват ба амал овард, ки мушкилоти тағйирёбии иқлимро тавассути маҳдуд кардани партови газҳои гулхонагӣ ба атмосфера тавассути ин Конвенсия (КҚ СММ ТИ) ҳал кунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои онро барои кишвар дарк намуда, барои ҳалли ин мушкилот тадбирҳои муҳим меандешад ва инчунин тамоми талошҳоро барои рафъи хатарҳои тағйирёбии иқлим равона мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 Конвенсияро ҳамчун «Тарафи ба Замимаи 1 дохилнашуда» ба имзо расонид. Дар соли 2008 кишвар Протоколи Киоторо ба имзо расонида, онро тасдиқ намуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин ахбороти миллии худро дар доираи Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар соли 2002, ахбороти дуюмро соли 2008, ахбороти сеюмро соли 2014 ва ахбороти чоруминро дар соли 2021 таҳия ва пешниҳод намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои қарорҳои дахлдори Конференсияи Тарафҳои КҚ СММ ТИ СОР-19 ва СОР-20, аз ҷумла «Даъвати Лима ба амалҳо оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим» (ш.Лима, Перу, декабри соли 2014) моҳи октябри соли 2015 саҳми эҳтимолии миллии муайяншавандаи (ССММ) худро пешниҳод намуд. Моҳи феврали соли 2017 Тоҷикистон Созишномаи Парижро ба тасвиб расонид ва ба ин тартиб аввалин Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда (ССММ) дар Тоҷикистон пешниҳод гардид. Санаи 12 октябри соли 2021 дар остонаи баргузории Саммити иқлим дар ш.Глазго СОР-26 Тоҷикистон Саҳми навшудаи миллии муайяншударо (ССММ) ба Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим пешниҳод намуд.

Дар соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин Ҳисоботи дусолаи худро мутобиқи Роҳнамо оид ба пешниҳоди Ҳисоботҳои навсозии дусола аз ҷониби тарафҳое, ки ба замимаи I -и ба Конвенсия дохилнашуда таҳия намуд, ки дар замимаи III қарори 2/CP17 оварда шудаанд ва онро соли 2019 ба КҚ СММ ТИ пешниҳод кард, ҳамзамон онро дар Конфронси 27-уми Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағирёбии иқлим дар ш.Глазгои Шотландия дар соли 2021 ҳимоя кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қонунгузорӣ ва институтсионалии амалҳое, ки ба ҳалли мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим нигаронида шудаанд, фароҳам оварда шудааст. Кишвар муҳимии масъалаҳои ҷаҳонии экологӣ ва алоқаи зичи онҳоро бо шароити маҳал ва вазъияти муҳити зист ба назар гирифта, ба як қатор созишномаҳои муҳимми байналхалқӣ ҳамроҳ шуда, онҳоро тасдиқ намуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист зиёда аз 30 қонун ва санадҳои зерқонунӣ қабул намудааст, ки заминаҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолати ҳуқуқи инсон дар самти ҳифзи муҳити зист, мустаҳкам намудани қонуният, пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагӣ ва дигар омилҳо ба муҳити зист, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти экологиро муайян мекунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 барнома ва нақшаи чорабиниҳои давлатиро таҳия намуда, як қатор конвенсияҳоро ба тасвиб расонид, ки масъалаҳои амнияти экологиро ба назар гирифта, марказҳои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва ҳалли мушкилоти экологӣ дар миқёси миллӣ ва ҷаҳонӣ таъсис дода шудаанд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 тасдиқ намуд.

**Сарчашма: Маркази омӯзиши тағйирёбии иқлим ва қабати озони Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Изменение климата и усилия Таджикистана в этой сфере**

Республика Таджикистан имеет нормативную и институциональную базу для реализации адаптивных мер, направленных на решение проблем, связанных с изменением климата.

Климат нашей планеты меняется. Тенденции изменения климата опасны, увеличиваются число и сила стихийных гидрометеорологических явлений, многие отрасли экономики, природные экосистемы и здоровье населения становятся более уязвимыми к неблагоприятным явлениям погоды и долгосрочным устойчивым тенденциям изменения климата. Одним из ярких примеров изменения климата является засуха 2022, которая затронула большую часть Европы, Центральной Азии и Латинскую Америку.

Одной из причин изменения климата в настоящее время является большое количество парниковых газов, поступающих в атмосферу из-за нерегулируемой хозяйственной деятельности людей. ООН призвала все страны к решению Проблемы изменения климата путём ограничения выбросов парниковых газов в атмосферу, подготовив в 1992 году Рамочную Конвенцию об Изменении Климата (РКИК).

Осознавая факт изменения климата и его последствия для Таджикистана, Правительство Республики Таджикистан предпринимает важные шаги для решения проблемы, а также направляет все усилия на смягчение рисков, обусловленных изменением климата. Страна ратифицировала Рамочную Конвенцию ООН об изменении климата в 1998 году и Киотский протокол в 2008, приняв на себя обязательство как Сторона Конвенции, не включённая в Приложение I.

Правительство Республики Таджикистан разработало и представило свое первое национальное сообщение по Рамочной конвенции ООН об изменении климата в 2002 году, второе в 2008 году, третье в 2014 году и четвёртое в 2021 году. Республика Таджикистан, во исполнение соответствующих решений Конференции Сторон РКИК ООН КС-19 и КС-20, включая «Лимский призыв к действиям по борьбе с изменением климата» (г.Лима, Перу, декабрь 2014 г.), в октябре 2015 года представила свой предполагаемый национально определяемый вклад (INDC). В феврале 2017 года ратифицировал Парижское соглашение и таким образом INDC стал первым NDC Таджикистана. 12 октября в преддверии Климатического саммита в Глазго КС -26 Таджикистан предоставил в РКИК ООН обновленный вариант определяемого на национальном уровне вклад (ОНУВ).

В 2018 году Республика Таджикистан разработала свой первый Двухгодичный доклад (BUR) в соответствии с Руководящими принципами для представления Сторонами, не включенными в приложение I к Конвенции, двухгодичных докладов, содержащих обновленную информацию", которые приводятся в приложении III к решению 2/CP17, и представил его в РКИК

ООН в 2019 г и в 2021г защитил его на 27 Конференции сторон ООН по изменению климата в г. Глазго, Шотландии.

В Таджикистане создана законодательная и институциональная основа для действий, направленных на решение проблем, связанных с изменением климата. Принимая во внимание актуальность глобальных экологических проблем и их тесную взаимосвязь с местными условиями и состоянием окружающей среды, республика присоединилась и ратифицировала ряд важнейших международных соглашений.

Правительством Республики Таджикистан принято более 30 законов и подзаконных актов в области охраны окружающей среды, в которых определены правовые основы государственной политики в области охраны окружающей среды, обеспечение устойчивого социально-экономического развития, гарантии прав человека на здоровую и благоприятную окружающую среду, укрепление правопорядка, предотвращение негативного воздействия хозяйственной и иной деятельности на окружающую среду, организацию рационального использования природных ресурсов и обеспечение экологической безопасности.

Правительством Республики Таджикистан разработано свыше 10 государственных программ и планов действий, ратифицирован ряд конвенции учитывающих вопросы экологической безопасности и созданы национальные центры по координации и решению экологических проблем национального и глобального масштаба.

Разработана Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и Среднесрочная программа развития Республики Таджикистан на период 2021–2025 годы.

Правительством Республики Таджикистан утверждена Национальная стратегия адаптации к изменению климата Республики Таджикистан на период до 2030 года.

**Источник: Центр изучения изменение климата и озонового слоя Агентства по гидрометеорологии Комитет охраны окружающей срдеы при Правительстве Республики Таджикистан.**

## Climate change and Tajikistan's efforts in this area

The Republic of Tajikistan has a regulatory and institutional framework for the implementation of adaptive measures aimed at solving the problems associated with climate change.

The climate of our planet is changing. Climate change trends are dangerous, the number and strength of natural hydrometeorological events are increasing, many sectors of the economy, natural ecosystems and public health are becoming more vulnerable to adverse weather events and long-term sustainable climate change trends. One clear example of climate change is the 2022 drought that has affected much of Europe, Central Asia and Latin America.

One of the causes of climate change today is the large amount of greenhouse gases released into the atmosphere due to unregulated human activities. The UN called on all countries to solve the problem of climate change by limiting greenhouse gas emissions into the atmosphere by preparing in 1992 the Framework Convention on Climate Change (FCCC).

Realizing the fact of climate change and its consequences for Tajikistan, the Government of the Republic of Tajikistan is taking important steps to solve the problem, and also directs all efforts to mitigate the risks caused by climate change. The country ratified the United Nations Framework Convention on Climate Change in 1998 and the Kyoto Protocol in 2008, becoming a non-Annex I Party to the Convention.

The Government of the Republic of Tajikistan developed and submitted its first national communication under the United Nations Framework Convention on Climate Change in 2002, the second in 2008, the third in 2014 and the fourth in 2021. The Republic of Tajikistan, pursuant to the relevant decisions of the Conference of the Parties to the UNFCCC COP-19 and COP-20, including the " Lima Call for Action to Combat Climate Change" ( Lima , Peru, December 2014), in October 2015 submitted its Intended Nationally Determined Contribution (INDC). In February 2017, he ratified the Paris Agreement and thus INDC became the first NDC in Tajikistan. On October 12, ahead of the Climate Summit in Glasgow COP-26, Tajikistan submitted an updated Nationally Determined Contribution (NDC) to the UNFCCC.

In 2018, the Republic of Tajikistan developed its first Biennial Report (BUR) in accordance with the Guidelines for Submission of Biennial Update Reports by Parties not included in Annex I to the Convention, which are contained in annex III to decision 2/CP17, and presented it to the UNFCCC in 2019 and defended it at the 27th UN Conference of the Parties on Climate Change in Glasgow, Scotland in 2021.

Tajikistan has created a legislative and institutional framework for actions aimed at solving the problems associated with climate change. Taking into account the urgency of global environmental problems and their close relationship with local conditions and the state of the environment, the republic joined and ratified a number of important international agreements.

The Government of the Republic of Tajikistan has adopted more than 30 laws and by-laws in the field of environmental protection, which define the legal

framework for state policy in the field of environmental protection, ensuring sustainable socio-economic development, guaranteeing human rights to a healthy and favorable environment, strengthening the rule of law, preventing negative impact of economic and other activities on the environment, organization of rational use of natural resources and ensuring environmental safety.

The Government of the Republic of Tajikistan has developed more than 10 state programs and action plans, ratified a number of conventions that take into account environmental safety issues, and created national centers for coordinating and solving environmental problems on a national and global scale.

The National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and the Medium-Term Development Program of the Republic of Tajikistan for the period 2021–2025 have been developed.

The Government of the Republic of Tajikistan has approved the National Climate Change Adaptation Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030.

**Source: Center for the Study of Climate Change and the Ozone Layer of the Agency for Hydrometeorology Committee for Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan.**